**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи ««Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. Душанбе, 2023.**

Мирзо Муҳаммад Абдулазим Сомӣ соли 1838 дар деҳаи Бӯстони аморати Бухоро таваллуд шуда, асарҳои таърихии ӯ оид ба таърихи аморати Бухоро ҳамчун маъхази дасти аввал эътироф гардидаанд. Дар диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар «Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ мавриди таҳлил илмӣ қарор дода шудааст. Асари мазкур оид ба воқеаҳои замони муаллиф маъхази дасти аввал ба шумор рафта, ба доираи илмӣ кашидани он муҳиммияти илмӣ дорад. Зеро Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун шахсият ба сифати котиб дар дарбори аморат хизмат карда, шоҳиди бевоситаи ҳаводиси таърихӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ буда, онро дар осори таърихиаш ба таври муфассал инъикос намудааст.

Объекти таҳқиқоти мазкурро омӯзиши "Туҳфаи шоҳӣ" ҳамчун манбаи таърихӣ доир ба таърихи Осиёи Миёна, предмети он бошад таҳлили сарчашмашиносии асари мазкур ва муайян намудани арзиши он ҳамчун манбаъ доир ба таърихи сиёсии асри XVIII – нимаи аввали асри XIX-и Осиёи Миёна мебошад.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ососнок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия масъалаҳои рӯзгор ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ, матн ва мазмуну мундариҷаи "Туҳфаи шоҳӣ", нусхаҳои дастхати он, макони нигаҳдошт ва замони китобати онҳо, нашри дастхат ва муқобалаи он бо нусхаҳои мавҷуда инъикос гардида, ахбори муаллифи манбаи мазкур оид ба авзои сиёсӣ ва низоми идорӣ дар Осиёи Миёна дар асрҳои XVIII – XIX, лашкаркашиҳои амирони Бухоро, раванди истилои Осиёи Миёна аз тарафи Россия, муносибати аморат бо Россия ва авзои иҷтимоию иқтисодии Бухоро дар қиёс бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ таҳлил гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, бандҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

Сохтор ва мазмуни автореферати диссертатсияи Абдулзода Зиёдулло Назар мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншуда марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба таҳқиқоти диссертатсионии худ 7 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи дар мавзӯи **««Туҳфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ»** ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Абдулзода Зиёдулло Назар – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Мудири кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент**

**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 93 416 20 99

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

**«__01__»___05_________ 2023 с.**